**Такриз**

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Ширинова Бахтиисо Баҳридиновна, ки дар мавзуи “Поэтикаи достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ” барои дарёфти дарачаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт, Матншиносӣ, нусхашиносӣ) пешниҳод шудааст.**

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Ширинова Бахтинисо Баҳридиновна дар мавзуи “Поэтикаи достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ” барои дарёфти дарачаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт, Матншиносӣ, нусхашиносӣ) дар адабиётшиносӣ таҳқиқоти тозаи илмӣ ба шумр меравад. Мусаллам аст, ки Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ яке аз шоирон ва донишмандони муваффақи асри XV ба шумор рафта, бо афкору осори рангину марғубаш дар қатори шоирон ва донишмандони беҳтарини марҳилаи классикии адабиёти форсии тоҷикӣ қарор дорад.

Автореферати диссертатсияи Ширинова Б.Б. мувофиқи талаботи меъёрии фишурдаҳои номзадӣ таълиф гардида, муҳаққиқ дар муқаддима нахуст мубрамии мавзуи таҳқиқотро дар асоси он масоиле, ки то кунун дар эҷодиёти Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ мавриди таҳқиқи ҷиддӣ қарор нагирифтаанд, мисли достонсароӣ дар асри XV, ҷомишиносӣ дар Тоҷикистон, устухонбандии достон, таҳқиқи масъалаҳои поэтикаи достони “Юсуф ва Зулайхо”, ҷойгоҳи мунозира, фоҷиаҳо, мавкеи хоб ва руъё , истифодаи санъатҳои бадеӣ, забону сабки эҷоди достони “Юсуф ва Зулайхо”, ҳунари шоир дар маъниофаринӣ ва тасвирсозӣ, паёмҳои ахлоқии шоирро муфассал мавриди пажуҳиш қарор додааст. Аз ҷумла, дар муқаддима бо тафсил дарачаи омӯзиши мавзуъ дар адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, аҳамияти маназариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот, объекти таҳқиқот, предмети таҳқиқот, саҳми шахсии довталаби дарёфти дарачаи илмӣ дар

таҳқикот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми диссертатсия мушаххас ва муқаррар гардидаанд.

Баъд аз муқаддима се боби диссертатсия ва фаслҳои он бо як муназзамӣ ва дастовардҳои илмӣ таҳқиқ ва хулосабарорӣ карда шудаанд, ки аз вуқуфи унвонҷӯй ба мавзуъ ва ба баҳси илмӣ хуб ворид шудани ӯ дарак медиҳад. Дар ҳар се боби диссертатсия масъалаҳои асосии таҳқиқшаванда ба таври муназзам ва дар сатҳи хуби илмӣ таҳлил ва таҳқиқ гардидаанд. Боби аввали диссертатсия "Достонсароӣ дар асри XV" унвон дошта, аз се фасл фароҳам омадааст. Боби дувуми диссертатсия "Таҳқиқи сарчашмаҳо, нусхашиносӣ ва симоҳои достони "Юсуф ва Зулайхо"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ" номида шуда, аз чор фасл фароҳам омада, дар онҳо масъалаҳои сарчашмаҳои асосии достон, нусхашиносӣ ва шарҳнигорӣ бар достон, таҳлили образҳои асар ва ҷойгоҳи фоҷиа дар достонро ба таҳлил фаро гирифтааст. Боби сеюми диссертатсия "Поэтикаи достони "Юсуф ва Зулайхо"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ ном дорад, ки дар ин боб унвонҷӯй масъалаҳои асосии поэтикаи достон, аз ҷумла сохти композитсионии достон, ҷойгоҳи аносири мусиқӣ, тасвири унсурҳои табиат, мунозира, мавқеи хоб ва руъё дар достон, афкори адабии Абдурраҳмони Ҷомӣ дар достон, ҳунари шоир дар маъниофаринӣ ва тасвирсозӣ, мавқеи санъатҳои бадеии достон, афкори ахлоқии шоир ва забону сабки эҷоди достонро бо мисолҳои зиёд таҳлил ва таҳқиқ намудааст.

Хулосаи диссертатсия дар даҳ банд натиҷагирӣ шудааст, ки моҳияти бобҳову фаслҳои онро комилан дуруст ифода карда метавонад. Муҳаққиқ ҳангоми таҳқиқу пажуҳиши мавзуи мавриди баҳс аз сарчашмаҳои зиёд, адабиёти илмӣ-таҳқиқотӣ ва феҳристу фарҳангҳои зиёд истифода намудааст. Тартиби феҳристи адабиёти диссертатсия ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ мувофиқат мекунад.

Дар баробари дастовардҳои мазкур аз рӯи автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки дар он баъзе қайду эродҳои қобили таъкид низ ҷой доранд, ки ишорати онҳо мувофиқи мақсад мебошад:

1. Ба назари мо, чун диссертатсия "Поэтикаи достони «Юсуф ва Зулайхо» - и Абдурраҳмони Ҷомӣ» унвон дорад, дар боби аввал баррасии масоиле чун мавқеи маснавиҳои Абдураҳмони Ҷомӣ дар ин давра ва ҷомишиносӣ дар Тоҷикистон зарурат надорад. Хосатан, масъалаи ҷомишиносӣ, ки қисмате аз он дар бахши дараҷаи омӯзиши мавзуъ баён гардида, дар фасли савуми ин боб чун такрор ба назар мерасад.

2. Дар автореферат ҳарчанд хеле кам аст, аммо ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ (саҳ. 16, 18 ва ғ) ба чашм мерасад, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кори муҳаққиқ аст.

Албатта, ин қайду эродҳо ҳукми пешниҳодро доранд ва ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро кам намекунанд.

Ба таври умум, метаввон гуфт, ки автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯй дар маҷмуъ мухтавои диссертатсияро ифода карда метавонанд. Тартиб ва ҷобаҷогузории бандҳои автореферат, таҳлилҳо, забону баёни навиштаҳо, таҳқиқ, натиҷагириҳо ба меъёрҳои талаботи автореферати илмӣ комилан ҷавобгӯст. Автореферат ҳамчун фишурдаи диссертатсияи илмӣ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

Ҳамин тариқ, аз мутолеаи автореферати Ширинова Бахтинисо Баҳридиновна дар мавзуи "Поэтикаи достони "Юсуф ва Зулайхо"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт, Матншиносӣ, нусхашиносӣ) бармеояд, ки диссертатсияи муаллиф кори анҷомёфтаи илмӣ буда, бо дастовардҳо ва комёбиҳояш ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи

ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт, Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мебошад.

Муқарриз: доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи адабиёти классикии тоҷики
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Нуров Н. Н.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, Хуррамшаҳр 38
Тел: 992 928763797 E-mail: nurali74@mail.ru

Имзои доктори илмҳои филологӣ,
профессор Нуралӣ Нуровро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Э. Наврӯзов

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700 ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Тел: (+992) 90040202 E-mail: n.ehson@mail.ru

**31 августи соли 2023**